**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих»» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ). -Душанбе, 2020. -26с.**

Забони адабии порсии тоҷикӣ ҳарчанд дар садаҳои XIII-XIV дучори ҳамлаи фоҷиабори муғулон гардид ва ин фоҷиа, ба таъбири Эмомалӣ Раҳмон, «дар сарнавишти халқи тоҷик ва илму фарҳанги он шикасти азиме овард», вале «таърихнависӣ вобаста ба дилбастагии хонҳои муғул ба хотири «абадӣ» намудани ному корномаи худ равнақ дошт» ва дар ин замина осори зиёди таърихӣ рӯйи кор омаданд, ки «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ аз зумари беҳтарин намунаи ин навъи осор ба шумор меравад.

Аз ин дидгоҳ таҳлилу баррасӣ ва ба риштаи таҳлил кашидани вижагиҳои забонии осори ниёгон, бахусус, асари Рашидуддини Фазлуллоҳ дорои аҳамияти зиёди илмиву амалист.

Диссертатсияи докторант доктор PhD-и кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Юсупов Шоҳин маҳз ба таҳқиқи вижагиҳои забонии «Ҷомеъ-ут-таворих» ихтисос дошта, «Хусусиятҳои морфологии «Ҷомеъ-ут-таворих»» унвон гирифтааст.

Ба таъбири муаллифи рисолаи мавриди тақриз, «Ҷомеъ-ут-таворих» «мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст ва ин диссертатсия нахустин иқдоме дар баррасии вижагиҳои дастурии асари мазкур мебошад» (с.6).

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (бо фарогирии чанд фаслу зерфасл), хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ, методология ва методҳо, усулҳо, моҳияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот ва ғ. сухан рафтааст.

Боби якуми диссертатсияи мавриди тақриз «Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ» унвон дошта, аз чаҳор фасл ва нуздаҳ зерфасл иборат аст.

Дар фасли якум, ки «Хусусиятҳои морфологии исм» номзад шуда, аз чаҳор зерфасл фароҳам омадааст, доир ба категорияҳои грамматикии исм, чун муайяниву номуайянӣ ва шумора дар асари Рашидуддини Фазлуллоҳ баҳс шудааст. Дар таърихномаи фавқ артикли ***-е*** воситаи морфологии ифодаи номуайянии исмҳо маҳсуб ёфта, дар ҷамъбандии исмҳо аз воситаҳои тоҷикӣ (пасвандҳои ***-он (-гон, -вон; -ён); -ҳо***) истифода гардидааст. Шумораи ҷамъи исмҳои «Ҷомеъ-ут-таворих» аз забони адабии муосири тоҷикӣ бо ду вижагӣ: 1) бартарияти доираи истеъмоли пасванди ***-он*** нисбат ба пасванди ***-ҳо***; 2) истифодаи ду шакли ҷамъбандӣ дар баъзе калимаҳо, чун *туркон / атрок* тафовут доштааст.

Дар фаслҳои баъдӣ хусусиятҳои морфологии сифат (фасли дуюм), шумора (фасли сеюм) ва ҷонишин (фасли чаҳорум) мавриди таҳлил

қарор гирифтаанд. Баъди баррасии вижагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии мазкур муҳаққиқи ҷавон чунин вижагиҳоро муайян намудааст: 1) дар асари Рашидуддини Фазлуллоҳ калимаи ***миёна*** ба вазифаи шумораи тартибии ***дуюм*** ба кор рафтааст (с.10); 2) калимаи ***эшон*** дар баробари вазифаи аслии худ - ифодаи ҷонишини шахси сеюми шумораи ҷамъ ҳамзамон ба ҷойи номҳои ҳайвонот истифода шудааст (с.11); 3) ба вазифаи ҷонишини шахси якуми шумораи танҳо - ***ман*** корбурди калимаҳои ***банда, камина, шикаста, номурод, дилхаста,*** ки дар асрҳои XIV-XVI ба назар мерасанд, мушоҳида нагардидаанд (с.13).

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф» унвон дошта, фарогири ду фаслу бисту чаҳор зерфасл аст. Дар фасли якуми ин боб, ки «Хусусиятҳои морфологии феъл» номзад гардида, аз шаш зерфасл иборат аст, вижагиҳои сарфии феъл, амсоли асосҳои феъл, сиғаҳои феъл, сохти феъл ва хусусияти феълҳои тасрифнашаванда баррасӣ гардидаанд. Муаллиф баъди таҳқиқ ба ин бардоштҳо расидааст, ки «мавридҳое мушоҳида гардид, ки он ба сабки фардии муаллиф мансуб аст» (с.13) ва ё доир ба сохти феълҳо муҳаққиқ бар ин андеша аст, ки «...муаллифи асар тарзу воситаҳои калимасозӣ ва таркибҳои феълии хосеро ба кор бурдааст» (с.15).

Фасли дигари боби мазкур ба пажӯҳиши вижагиҳои сарфии зарф дар асари «Ҷомеъ-ут-таворих» ихтисос дошта, аз панҷ зерфасл иборат аст. Муаллиф зарфҳои асари мавриди таҳқикро ба навъҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб ва мақсад тасниф намуда, вижагиҳои корбурди онҳоро бо мисолҳо собит намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар» унвон дошта, аз чаҳор фасл ва чандин зерфасл фароҳам омадааст.

Дар фасли аввали боби мазкур (3.1.) хусусиятҳои сарфии пешоянду пасояндҳои бакоррафта дар асари «Ҷомеъ-ут-таворих» ва вазифаҳои грамматикии онҳо ба таҳқиқ расидааст. Маълум гардидааст, ки: 1) пешоянди ***ба*** бо пешояндҳои ***аз, бо, дар*** хусусияти муродифӣ зоҳир намудааст; 2) дар асари мавриди таҳлил пешоянди ***бад***, ки, одатан, хоси назм аст, ба кор рафтааст; 3) корбурди гунаи қадимаи пешоянди ***дар - андар*** ба назар нарасидааст; 4) доираи корбурди пешоянди номии ***будуни*** ва ***ҷуз*** маҳдуд будааст; 5) калимаҳои номии ***пеш, миён, боло, назд, ҷониб, тараф*** ва ғ. бо қабули изофат вазифаи пешоянди номии изофиро адо намудаанд.

Дар фасли дувуми боби сеюми диссертатсия хусусиятҳои морфологии пайвандакҳо баррасӣ шудааст. Аз рӯйи таҳқиқи унвонҷӯ, дар асари Рашидуддини Фазлуллоҳ ду навъи пайвандакҳо - пайвасткунанда ва тобеъкунанда ба кор рафта, «аз рӯйи доираи истеъмол ва мавқеи корбурдашон аз забони адабии имрӯз баъзе тафовутҳо мушоҳида мешавад» (с.22).

Дар фаслҳои баъдӣ (3.3. ва 3.4.) вижагиҳои сарфии ҳиссачаву нидо таҳқиқ гардида, маълум шудааст, ки дар асари мавриди пажӯҳиш корбурди ин гурӯҳи луғавӣ-грамматикии калимаҳо нисбатан маҳдуд аст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия муҳаққиқи ҷавон бардоштҳои худро дар нуҳ банд ҷамъбаст намудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур дар баробари муҳассанот баъзе аз норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрири ояндаи кор судманд хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар вожаҳои ***борандагӣ*** ва ***дилмондагӣ*** пасванди ***-гӣ*** аслан исми маънӣ ташаккул додааст на, чунонки муҳаққиқ мегӯяд, сифати феълӣ, ки «хусусияти сифати феълии худро аз даст дода, ба вазифаи исмҳои маънӣ ба кор мераванд» (с.17).

2. Зерфасли мансуб ба сиғаи эҳтимолии феъл (2.1.3.4.) бидуни мисол бо ҷумлаҳои умумӣ ҷамъбаст гардидааст, ки, гумонамон, кушодани вижагиҳои ҳамин сиғаи феъл дар заминаи маводи «Ҷомеъ-ут-таворих» ҷолиб мебуд.

3. Дар рисола ҳамгунии истилоҳот ба назар намерасад, чун «забони адабии тоҷикӣ-форсӣ», «забони тоҷикӣ», «забони форсии дарӣ» ва ғ.

4. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои услубӣ (с. 9, 17), имлоӣ (с. 7, 9, 13, 14, 22, 24), китобӣ (с. 4, 6, 8, 10, 17) ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016-ум, таҳти №505-ум тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Ҳасанзода А.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Олимҷонов М.

«Имзоҳои профессор А.Ҳасанзода ва дотсент М.Олимҷоноврο тасдиқ мекунам».

Мудири шуъбаи кадрҳои МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Ашрапова З.